## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Назирзода Рамазон Сафар дар мавзӯи «Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (Weigelabn Thunb. ва Clematis L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Мақсади таҳқиқоти муаллиф омӯзиши хусусиятҳои биологии намудҳои авлоди Weigela Thunb ва Clematis L. дар шароити шаҳри Душанбе ва умуман дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани роҳҳои истифодаи онҳо дар кабудизоркунӣ мебошад.

Дар асоси омӯхтани хусусиятҳои биологии растаниҳои ороишӣ, буттаҳои гули зебо дошта ва дараҷаи мутобиқ шудани онҳо ба муҳити нав бомуваффақияти интродуксия баҳо дода барои кабудизоркунии ш. Душанбе тавсия намудан мебошад. Муаллиф дар ин раванд корҳои амалии илмиро иҷро намудааст. Аз ҳамин лиҳоз мавзӯи интихобшуда мубрам мебошад.

Ҳудуди шаҳри Душанберо (боғҳо, хиёбонҳо, гулгаштҳо ва ғайра) ба назар гирифта, қайд менамоем, ки гуногунии намудҳои дарахтон якхела аст. Аз ин рӯ бо назардошти истифодаи ҳамаи намудҳои растаниҳои зебогулкунанда дар кабудизоркунии шаҳрҳо ва шаҳракҳои ҷумҳурӣ, чунин рӯйхат пешниҳод карда мешавад: каталпа, ёси ҳиндӣ, садбаргҳо ва растаниҳои яксолаи алафӣ (катарантус, тагетис, салвия ва бисёр дигарон), аммо ба ин рӯйхат буттаҳои зебогулкунандаи навъи вайгела ва буттаҳои изғичи печон ба монанди навъи клематис дохил намешавад.

Рисолаи Назирзода Рамазон Сафар аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисми асосии таҳқиқот, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот ва хулоса иборат аст. Кор аз 4 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Муаллифи рисола Назирзода Рамазон бори аввал, дар муҳити шаҳри Душанбе омӯзиши ҳамаҷонибаи намудҳои ояндадори авлоди Weigela Thunb ва Clematis L. гузаронида технологияи парвариши онҳоро пешниҳод намудааст. Дар асоси омӯзиши амалӣ муаллиф давраҳои мавсими вегетатсия, давомнокии фенофазаҳои асосӣ ва дарозии давраҳои вегетатсияро муайян намудааст. Дар рисола ҳолати таксономии объектҳои интихобшуда муайян карда шудааст.

Инчунин дар қисмати алоҳидаи рисола аз ҷониби муаллиф ҷараёни рушд инкишоф ва сохти анатомии дастгоҳи ассимилятсионии намудҳои авлоди Вейгелаҳо омӯхта шудааст. Муаллиф инчунин усулҳои

афзоишёбии объектҳои таҳқиқот муқаррар карда барои истеҳсолот пешниҳод намудааст ин рисоларо пурмазмун менамояд. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашудаи худ муаллиф барои ҳар як намуди авлодҳои Weigela Thunb ва Clematis L. , оид ба интродуксияи онҳо дар муҳити шаҳр баҳои пурра пешниҳод намуда, биология ва фенологияи онҳоро пурра омӯхта намудҳои мазкурро барои истеҳсолот дар кабудизоркунӣ пешниҳод намудааст. Инчунин муаллиф тадбирҳои агротехникӣ доир ба парвариш ва тадбиқи намудҳои омӯхташуда дар амал коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Рисола аз 161 саҳифаи матни компютерӣ, 18 ҷадвал, 44 сурат, 13 расм иборат аст. Рӯйхати адабиёт аз 199 номгӯ, аз ҷумла 7 –то бо забони хориҷӣ ва 5 –тояш манбаи электронӣ аст. Рисола хело фаҳмо навишта шудааст мазмуни ба нуктаҳои ҳимояшаванда мувофиқ мебошад.

Дар хулоса қайд карданиам, ки диссертатсияи Назирзода Рамазон Сафар аз рӯи зарурати омӯзиши мавзӯъ, навгониҳои илмӣ, мазмуни илмию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ба Низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби сарфароз гардонидан ба дараҷаҳои илмӣ аз 30-юми июни соли 2021 №267 ҷавобгӯ буда, новобаста ба хатогиҳои илмӣ ва техникӣ, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06. 01.01. – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Профессори кафедраи
ботаника ва дендрологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯи
ихтисоси-06.01.01 зироаткории
умумӣ ва растанипарварӣ, дотсент Сатторов Р.Б.

Суроға:, 734003, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон:907969476.

Имзои доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессори кафедраи ботаника ва
денрология Сатторов Р.Б.-ро
тасдиқ менамоям: Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсус Тавқиев Э.Ш.

26.06.23